# ИДИ ПАРЧАМ МУБОРАК!


*ИНСОН, ҲУҚУҚ ВА ОЗОДИҲОИ ОН АРЗИШИ ОЛӢ МЕБОШАНД*



# МИНБАРИ ҲУҚУҚШИНОС

НАШРИЯИ ФАКУЛТЕТИ ҲУҚУҚШИНОСИИ ДМТ **** №6 (6) 21-УМИ НОЯБРИ СОЛИ 2013, ПАНҶШАНБЕ




**"Ман, ҳамчун Президент савганд ёд мекунам, ки Конститутсия ва қонунҳои ҷумҳуриро ҳимоя менамоям, таъмини ҳуқуқ, озодиҳо ва шарафи шаҳрвандонро кафолат медиҳам, сарзамин, истиқлолияти сиёсиву иқтисодӣ ва фарҳангии Тоҷикистонро ҳифз мекунам, ба халқ содиқона хидмат менамоям".**

*(Моддаи 67-и Сарқонуни ҶТ)*



**Бозор СОБИР**

*Ба муносибати интихоби Президенти ҷумҳурӣ Эмомалӣ Раҳмон*

Мефишорам сахт дасту панҷаҳои
маҳкаматро
Ҳамчу дасту панҷаи фарзанди деҳқон,
Ҳамчу дасту панҷаи шахшӯли
деҳқонбаччаи қишлоқ
Аз каланду досу мисрон.

Бо садои гармат одат кардаем
Ҳамчу бо зангӯлаи давлат,
Ҳамчу бо зангӯлаи ваҳдат,
Ҳамчу бо зангӯлаи мактаб.

Чунки дар рӯи ту мебинем
Рӯи миллатро,
Нури миллатро,
Чунки аз пешонии бози ту мехонем
Мо хати тақдири миллатро.

Чун кафи дасти ту шаҳроҳат
Аз Душанбе то Бадахшон,
Аз канори Суғд то Хатлон;
Дар кафи дасти ту меронанд,
Дар кафи дасти ту метозанд,
Дар кафи дасти ту ҷорист
Сели мошин,
Фавҷи дарёҳои мошин.

Пойгоҳи давлататро карда кафшер
Бастакори нақби Анзоб,
Бастакори нақби Шаршар,
Бастакори Чормағзак,
Бастакори ГЭС-и Роғун
Ҳамчу оҳан,
Ҳамчу ҷӯян,
Ҳамчу пӯлод
Пойдор.

СУХАНИ РӮЗ

## ПРЕЗИДЕНТИ МАН

Моҳи ноябр бо ҳама бурду бораш моҳи некӯ омад. Рӯзи 6-уми он мардум рӯзи Сарқонунро ҷашн гирифта, ҳамзамон дар интихоботи Президенти ҷумҳурӣ фаъолона ширкат варзиданд. Бале, мутмаинан мегӯем, ки мардум алорағми интизори душманони хориҷӣ ва баддилони фурухташуда, он қадар фаъол, пурмасъулият ва содиқ буданд, ки назираш дар мамлакатҳои ба истилоҳ дар ҳоли рушд кам аст. Бисёр дӯстон ва рафиқон, ки дар ҳавзаҳои гуногуни кишвар овоз доданд, ин фикри маро тасдиқ намуданд, ки одамон гуруҳ -гурӯҳ, оила-оила омада, овоз медоданд. Касе бо сабабе даъватнома надошт, бо ҳуҷҷати тасдиқкунандаи шахсият ва ҷои зист меомаданд ва кӯшиш менамуданд, ки аз маъракаи сиёсӣ қафо намонанд. Ҳатто хориҷиён аз ин ҷӯшу хурӯш, чеҳраи идона, сарулибоси идонаи тоҷикон дар ҳайрат буданд ва эшон бе ягон дудилагӣ интихоботро баргузоршуда, шаффоф ва демократӣ ҳисобиданд. Ин аст садоқат, ин аст ватандӯстӣ. Меваҳои истиқлолият бор оварданд. Ҳосилаш ин боварии мардум ба оянда, зиндагии шоиставу ободкорист. Ҳосили заҳмату ранҷҳои 20-сола барабас нарафт. Имрӯз насле ба воя расидааст, ки насли истиклол аст. Насли озодагон аст, бехуда нест, ки тоҷиконро аз қадим озода мегуфтанд. Дар тамоми мамолики мутараққии ҷаҳон ба раъйи мардум эҳтиром гузошта мешавад. Яъне раъйи аз 50% кам раъйи аз 50% зиёдро эҳтиром мегузоранд ва пайи ободии кишвар ғаразҳои гурӯҳиву мазҳабиву ҳизбиро яксӯ гузошта, атрофии президенти тозаинтихоб муттаҳид мешаванд. Ин ҷавонмардӣ аст. Чунин кардаанд, ки пеш рафтааанду тараққӣ намуданд ва зиндагии арзандаро барои худу ҳамватанон муҳаё намуданд. Рӯзи 16-ум Президенти тозаинтихоб савганди садоқат ба халқу миллатро ёд кард. Дигар ҷашни ин моҳ рӯзи 24-ум Рӯзи Парчами миллист. Парчами мо бо бузургиву ҳашаматаш дар китоби Рекордҳои Гиннес қайд шуд. Ин бе ҳикмат нест, азеро ки қадимтарин ливо дар рӯи замин ҳамин дирафши ковиёнии мост, ки сар аз умқи таърих баркашида, дар замони Ҳахоманишиён буруз карда, онро ба ҷанги Искандари мақдунӣ надода, то охирин подшоҳи сулолаи давлати Сосониён оварданд. Бояд гуфт, ки мавҷудияти дирафши ковиёнӣ дар маъхазҳои таърихӣ ва дар набарди Қодисия, ки эрониён дар ҷанг бо араб шикаст хӯрданд, ёд шудани дурфши ковиёни бори дигар баёнгари он аст, ки дирафши ковиён на ашёи мифологӣ, балки таърихӣ аст ва он таърихи каёниёни "Шоҳнома" мебошад.

**Саъдӣ МАХДӢ**

## Президенти Ҷумҳурии Ӯзбекистон Ислом Каримов Эмомалӣ Раҳмонро табрик намуд

Дар барқияи шодбошии Президенти Ҷумҳурии Ӯзбекистон Ислом Каримов гуфта мешавад: "Мӯҳтарам Эмомалӣ Шарифович. Табрикоти самимонаи маро ба муносибати дубора ба мансаби Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон баргузида шуданатон қабул фармоед. Мутмаинам, ки фаъолияти Шумо дар ин мансаби олии давлатӣ дар самти рушду таҳкими минбаъдаи муносибатҳои Ӯзбекистону Тоҷикистон, ки дар асоси муштаракоти таърихӣ, ҳусни ҳамҷаворӣ, эҳтироми мутақобил ва бо назардошти манфиатҳои ду ҷониб бунёд ёфтаанд, саҳм хоҳад гузошт. Бо истифода аз фурсат меҳоҳам ба Шумо, мӯҳтарам Эмомалӣ Шарифович сиҳатии бардавом, дар фаъолияти пурмасъулиятатон муваффақият ва ба мардуми дӯсти Тоҷикистон сулҳу шукуфоӣ таманно намоям".

Инчунин як қатор роҳбарони давлатҳои хориҷӣ ва созмонҳои байналмилалӣ Президенти тозаинтихоби ҶТ-ро табрик намуданд. Аз қабили: Президенти Ҷумҳурии Озарбойҷон Илҳом Алиев, Раиси Ҷумҳурии Исломии Эрон Ҳасани Руҳонӣ, Президенти Туркманистон Гурбонгулӣ Бердимуҳаммадов, Президенти Федератсияи Русия Владимир Путин, Раиси Ҷумҳурии мардумии Чин Си Ҷинпин, Президенти Ҷумҳурии Қазоқистон Нурсултон Назарбоев, Президенти Ҷумҳурии Белорус Александр Лукашенко, Президенти Ҷумҳурии Ҳиндустон Пранаб Мукерҷи, Сарвазири Люксембург Жан-Клод Юнкер, Президенти Ҷумҳурии Чехия Милош Земан, Президенти Ҷумҳурии Исломии Покистон Мамнун Ҳусайн, Президенти Муғулистон Тсахиагийн Элбегдорҷ, Намояндаи махсуси Дабири кулли НАТО дар кишварҳои Осиёи Марказӣ ва Қафқоз Ҷеймс Аппатурай, Раиси Комиссияи мустақили ҳалли ихтилофот ва иртиботи мардум бо давлат ва Раиси Комиссияи тадвири Луя Ҷиргаи машварат профессор Ҳазрат Сибғатуллоҳ Ал-Муҷаддидӣ, Сарвазири Малайзия Дато Сри Мохд Наҷиб, Дабири кулли Иттиҳоди иқтисодии Авруосиё Таир Мансуров ва Вакили Парлумони Аврупо Струан Стивенсон, Подшоҳи Шоҳигарии Ҳошимии Урдун, собиқ Президенти Украина, Президенти гурӯҳи Бонки Исломии Рушд ва Президенти Конгресси яҳудиёни бухороӣ дар ИМА ва Канада, Президенти Ҷумҳурии Арманистон Серж Саргсян ва аҳли зиё - ҳамватанони анҷумани Рӯдакӣ, доктор Масуд Миршоҳӣ, Амир ва Сарвазири Давлати Қатар, Президенти Украина, Сарвазири Ҷумҳурии Туркия, Раиси Кумитаи иҷроияи Иттиҳоди Давлатҳои Мустақил ва Президенти ифтихории Бунёди Хайриявии "Тоҷикистон" ва дигар роҳбарони давлатҳои хориҷиву созмонҳои байналмилалӣ.

**www.prezident.tj**

## Маросими Савгандёдкунии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон



Рӯзи 16-уми ноябри соли ҷорӣ маросими Савгандёдкунии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон баргузор гардид. Хотиррасон бояд намуд, ки рӯзи 6 ноябри соли равон ба тариқи интихоботи умумихалқӣ номзад аз Ҳизби халқӣ-демократии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон бо 84,23% овозҳои интихобкунандагон аз нав ба мақоми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон интихоб шуд.

Маросими ба иҷрои вазифаи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон шурӯъ намудани роҳбари навинтихоби давлат Эмомалӣ Раҳмон бо шукӯҳи хоса дар Қасри Миллат оғоз гардида, дар Кохи Сомони бӯстонсарои шаҳри Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон идома ёфт ва дар майдони Дӯстии пойтахт бо савгандёдкунии Қувваҳои Мусаллаҳи кишвар ба Президенти навинтихоби Ҷумҳурии Тоҷикистон ба поён расид.

Маросими ба иҷрои вазифа шурӯъ намудани Президенти навинтихоби кишвар дар Қасри Миллат бо супурдани шаҳодатномаи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз ҷониби Раиси Комиссияи марказии интихобот ва раъйпурсии Тоҷикистон ва Нишони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз ҷониби Раиси Суди Конститутсионии кишвар ба Эмомалӣ Раҳмон оғоз ёфт.

Ҳамзамон бо супурдани шаҳодатнома ва Нишони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба Эмомалӣ Раҳмон дар толори тантанаҳои Кохи Сомони бӯстонсарои Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон Раиси Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон Маҳмадсаид Убайдуллоев ва Раиси Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон Шукурҷон Зуҳуров тибқи Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷаласаи якҷояи шашуми Маҷлиси миллӣ ва Маҷлиси намояндагонро, ки ба маросими савгандёдкунии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон бахшида шудааст, бо иштироки даъватшудагон ифтитоҳ намуданд.

Президенти навинтихоби Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон мутобиқи Конститутсияи (Сарқонуни) Ҷумҳурии Тоҷикистон дасти рост ба болои Сарқонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон гузошта, савганд ёд кард.

Сипас Сарвари давлат Эмомалӣ Раҳмон, бо нимтаъзим Парчами давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистонро бӯса намуд.

**www.prezident.tj**

## Фарҳанг ва тафсир аз чоп баромад

Боиси хурсандист, ки "Фарҳанги истилоҳоти ҳуқуқи конститутсионӣ ва ҳуқуқи маъмурӣ" дар зери таҳияи устодони кафедраи ҳуқуқи конститутсионӣ аз чоп баромад. Дар фарҳанги мазкур зиёда аз 1000 истилоҳоти соҳаи ҳуқуқ шарҳу тафсир ёфтааст. Инчунин "Тафсири кодекси мурофиавии гражданӣ Ҷумҳурии Тоҷикистон" аз тарафи устодони факултети ҳуқуқшиносӣ ба нашр расид. Тафсир аввалин бор аст, ки дар Ҷумҳурии Тоҷикистон рӯи кор меояд.




## Русия боҷи гумрукиро барои Тоҷикистон аз байн бурд



Созишнома миёни ҳукумати Тоҷикистон ва Русия оиди лағви боҷи содиротӣ зимни интиқоли маводи сӯхт аз Русия ба Тоҷикистон аз рӯзи 12-уми ноябри соли равон мавриди иҷро қарор гирифт.

Сомонаи расмии иттилооти ҳуқуқии Русия, 12-уми ноябр матни созишномаи Тоҷикистону Русия дар бахши маводи сӯхтро нашр намуда, таъкид намудааст, ки ин созишнома муваққатан аз рӯзи нашраш мавриди иҷро қарор мегирад. Тибқи ин созишнома Русия уҳдадор мешавад, ки аз маводи сӯхт, ки ба Тоҷикистон равона шудааст, боҷи содиротӣ наситонад. Тоҷикистон уҳдадор шудааст, ки маводи сӯхти тариқи имтиёз гирифтаашро ба кишварҳои сеюм содир накунад. Дар созишнома омадааст, ки дар сурати ошкор шудани содироти сӯзишвории Русия ба кишвари сеюм, ҷониби Русия огоҳинома мефиристад ва даъвоми ду моҳ ҳақ дорад, созишномаро яктарафа қатъ кунад.

Ин дар ҳолест, ки то ҳол аз ҳар тонна маводи сӯхти Русия зимни интиқол ба Тоҷикистон ҳудуди 300 доллар боҷи содиротӣ ситонда мешуд. Гуфта мешавад, тибқи қонунҳои бозор акнун баъди лағви боҷи содиротии Русия нархи маводи сӯхт бояд дар Тоҷикистон ҳудуди 1,5-2 сомонӣ арзонтар шавад.

**Pressa.tj**

## Бонки Миллӣ шаҳрвандонро аз бароришӣ пулҳои қалбакӣ ҳушдор дод



Бонки миллии Тоҷикистон бо пахши як иттилоия рӯзи 14 ноябр аз шаҳрвандони кишвар даъват намудааст, ки зимни додугирифти пули миллию асъори хориҷӣ зиракиро аз даст надиҳанд ва аз сохторҳои қарзӣ хостааст, бо таҷҳизоти муосири ифшокунандаи таҳаллубкорӣ муҷаҳҳаз бошанд.

Бояд ҳамагон дарк намоем, ки гардиши пулҳои қалбакӣ дар муомилот метавонад ба паст шудани қурби пули миллӣ оварда расонад, ба ҳаёти иҷтимоии ҳар шахс ва дар маҷмӯъ ба иқтисодиёти кишвар зиён оварад. Аз ин рӯ, ба андешаи мо, пешгирӣ ва мубориза бар зидди тақаллубкории пул на танҳо вазифаи сохторҳои маъмурӣ, балки яке аз вазифаҳои муқаддаси низоми бонкӣ ва ҳатто ҳар як фарди ҷомеа мебошад."

Бонки миллӣ қайд мекунад: "Аз сокинони ҷумҳурӣ хоҳиш менамоем, ки барои эмин нигоҳ доштани маблағҳои нақдии худ унсурҳои ҳимоявии пули миллиро аз бар кунанд ва ҳангоми доду гирифт пулҳоро бо диққат аз назар гузаронанд ва ҳангоми ошкор шудани пулҳои шубҳанок ба сохторҳои маъмурӣ хабар диҳанд".

**Pressa.tj**

# ҲУҚУҚИ ИНСОН БА ЗИНДАГИИ АРЗАНДА

Маълум аст, ки Сарқонун на танҳо ҳуҷҷати сиёсӣ-ҳуқуқӣ балки қисман ҳуҷҷати идеологӣ низ мебошад ва функсияи репродуксионии ташакуллёфтаро дар тафаккури шаҳрванд оид ба шахсият, ҷомеа ва давлат иҷро менамояд. На ҳама муқаррароти конститутсионӣ дорои хусусияти меъёрӣ-ҳуқуқӣ мебошанд, аммо онҳо хислати меъёрӣ ва қувваи олии ҳуқуқиро соҳиб мегарданд. Мутобиқи моддаи 1 Сарқонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Тоҷикистон давлати иҷтимоӣ буда, барои ҳар як инсон шароити зиндагии арзанда ва инкишофи озодонаро фароҳам меорад".

Маҳз бо ин мақсадҳо дар кишвари мо меҳнат ва саломатии одамон ҳифз карда мешаванд, дастгирии давлатии шаҳрвандони камбизоат таъмин карда мешавад, нафақаи давлатӣ, кӯмакпулӣ ва дигар кафолатҳои ҳифзи иҷтимоӣ дарҷ мегарданд, инчунин ҳадди ақалли музди меҳнат муқаррар карда мешавад. Агар бо қонуни асосӣ инсон ҳуқуқ ва озодиҳои он арзиши олӣ эълон шавад ва эътироф, риоя ва ҳифзи ҳуқуқу озодии шаҳрванд уҳдадории давлат бошад, пас вазифаи асосии фаъолияти давлат мантиқан беҳбудии тоҷикистониён аст. Ҳамин тавр, дар асоси ҳама барномаҳо, стратегияҳои мақсаднок, ки аз ҷониби мақомотҳои давлатӣ коркард мешаванд, нишондиҳандаҳои муҳими баҳисобгирифташуда ва аз ҳама асосӣ ба вазъи иҷтимоӣ муносиб ҷойгир карда мешаванд. Муносиб ба он маъно ки онҳо воқеъӣ, дастрас ва ҷавобгӯи манзалати инсон дар ҷомеа мебошанд.

Саволе ба вуҷуд меояд, ки умуман доираи "зиндагии арзанда", ки аз ҷониби давлат кафолат дода мешавад, чӣ гуна аст?

Ба маънои энсиклопедӣ "арзанда" - ин ҳамаи он чизе мебошад, ки дар тарзи ҳаёти инсон дорои хислати сифатии беҳтарин (иҷтимоӣ, ахлоқӣ, маънавӣ, зебоӣ ва ғайра) аст. Мафҳуми "зиндагии арзанда" яке аз мафҳумҳои баҳсноки илми ҳуқуқӣ аст. Ҳуқуқ ба зиндагии арзанда аз як тараф дар баробари дигар ҳуқуқҳо ҳамчун ҳуқуқи мустақил намоён шавад, аз тарафи дигар он метавонад унсури амалишавии дигар ҳуқуқҳо бошад. Мафҳуми зиндагии арзанда ба ҷомеаи шаҳрвандӣ ва давлати иҷтимоӣ зич алоқаманд аст. Баамалбарории ҳуқуқ ба зиндагии арзанда танҳо дар доираи фаъолияти ҳуқуқӣ манфиатовар аст. Нақши бузургро маҳз мавҷудияти воситаҳои меъёрии ҳуқуқии махсус, ки олоти таъминкунандаи мавҷудияти арзандаи инсон мебошанд, ишғол менамоянд. Фаъолияти давлати иҷтимоӣ оид ба таъмини зиндагии арзандаи инсон ва ҷомеа бояд ба бавуҷудории ҳудуди ҳуқуқии рушди фаъолнокии инсон равона карда шавад. Дар ин мавврид давлат вазифаи ғамхориро иҷро менамояд, ки ба таъминоти инсон ба неъматҳои моддӣ ва маънавӣ равона гардидааст. Созмон додани давлати иҷтимоӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон бе назардошти баҳисобгирии дастовардҳои ҳуқуқӣ, иҷтимоӣ, демократӣ, ташкилии давлатҳои хориҷӣ, ки дар онҳо моделли ин ва ё он давлати иҷтимоӣ (сиёсати иҷтимоӣ) ҷой дорад, ғайриимкон аст. Аз ин рӯ, Ҷумҳурии Тоҷикистон санадҳои меъёрии ҳуқуқи дохилии худро доимо ба санадҳои ҳуқуқи байналмилалӣ мутобиқ қабул менамояд ва аз дастовардҳои давлатҳои пешрафта дар ин самт истифода мекунанд.



Дар Эъломияи умумии ҳуқуқи башар муқаррар гардидааст, ки баамалбарории ҳуқуқи фард ба ҳавасмандгардонӣ барои меҳнат ва таъминоти иҷтимоӣ ҷиҳати дастгирии манзалати он ва инкишофи озодонааш зарур вобаста ба имкониятҳои захиравии давлат ва иттиҳодияи байналмилалӣ ба роҳ монда мешавад. Бинобар ин тааҷҷубовар нест, ки сатҳи ҳадди ақалли зиндагӣ ва ё сатҳи камбизоатӣ дар ҷаҳон гуногун ба ҳисоб гирифта мешавад. Мутахассисони СММ ҳисоб намуданд, ки камбизоатии мутлақ дар ҷаҳон дар он ҷое оғоз мегардад, ки инсон дар як рӯз ба камтар аз 1 доллар зиндагӣ мекунад. Ба ҳисоби онҳо дар Россия сатҳи камбизоатии мутлақ ба 2-3 доллар дар як рӯз ба ҳисоб гирифта мешавад. Сатҳи камбизоатӣ дар Иттиҳодияи Аврупо вобаста ба 60% музди миёнаи меҳнат муайян мегардад. Дар ИМА сатҳи камбизоатӣ қариб 20 000 доллар дар як сол (1667 доллар дар як моҳ)-ро ташкил медиҳад, ки дар асоси он сатҳи камбизоатӣ 42% аҳолиро фаро мегирад.

Зиндагии арзандаи инсон дар мавриде аз ҷониби давлат таъмин карда мешавад, ки арзиши сабади истеъмолӣ ва маблағи пардохтҳои ҳатмӣ барои ҳар як нафар ҷиҳати қонеъ намудани талаботи ҳаётан муҳими ӯ басанда аст. Яъне даромади миёнаи сарикасӣ аз андозаи ҳадди ақалли зиндагӣ паст намебошад. Дар асоси Қонуни ҶТ "Дар бораи ҳадди ақалли зиндагӣ" ҳадди ақалли зиндагӣ - арзиши сабади истеъмолӣ ва маблағи пардохтҳои ҳатмӣ аст. Сабади истеъмолӣ аз инҳо иборат мебошад: маҷмӯи маҳсулоти озуқа; маҷмӯи маҳсулоти ғайриозуқа; маҷмӯи хизматрасонӣ. Ҳангоми муайян кардани маҷмӯи маҳсулоти озуқа меъёрҳои илман асоснокшудаи талаботи ҳадди ақалли гурӯҳҳои иҷтимоию демографии аҳолӣ ба маводи ғизоӣ, инчунин таркиби кимиёвӣ ва арзиши ғизонокии маҳсулоти озуқа ба инобат гирифта мешаванд. Ҳангоми муайян кардани маҷмӯи маҳсулоти ғайриозуқа, ки ба таркиби сабади истеъмолӣ дохил мешаванд, қонеъгардонии талаботи ҳадди ақалли ҳаётан муҳими гурӯҳҳои асосии иҷтимоию демографии аҳолӣ ба маҳсулоти ғайриғизоӣ бо назардошти хусусиятҳои ҷинсиву синнусолӣ ва либос, инчунин барои ташкили чорабиниҳои маданию маишӣ ба назар гирифта мешавад. Ҳангоми муайян намудани маҷмӯи хизматрасонии дар таркиби сабади истеъмолӣ вуҷуддошта, қонеъ намудани талаботи ҳадди ақалли аҳолӣ ба хизматрасонии манзилию коммуналӣ, маишӣ, нақлиётӣ ва алоқа ба инобат гирифта мешавад. Андозаи ҳадди ақалли зиндагӣ ба ҳар сари аҳолӣ ва гурӯҳҳои иҷтимоию демографӣ дар асоси сабади истеъмолӣ ва маълумоти оморӣ оид ба сатҳи нархҳои истеъмолии маҳсулоти озуқа, маҳсулоти ғайриозуқа ва хизматрасонӣ, бо назардошти ҳамаи намудҳои савдо ва хароҷот барои боҷҳои давлатӣ ва пардохтҳои ҳатмӣ ҳар семоҳа ҳисоб карда мешавад. 29 декабри соли 2012 таҳти №775 барои ҳисоб намудани андозаи сабади истеъмолӣ тавсияҳои методӣ барои муайян намудани сабади истеъмолӣ гурӯҳҳои асосии иҷтимоӣ-демографии аҳолӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон қабул гардид.

Сиёсати Ҷумҳурии Тоҷикистон ба он равона карда шудааст, ки тавассути фаъолияти самараноки тамоми сохтору мақомоти давлатӣ барои ҳар як шаҳрванди кишвар шароити арзандаи зиндагӣ таъмин карда шавад. Бо ин мақсад соли гузашта Стратегияи баланд бардоштани сатҳи некӯаҳволии мардуми Тоҷикистон барои солҳои 2013 - 2015 қабул карда шуд. Барои татбиқи стратегия беш аз 18 миллиард сомонӣ пешбинӣ шудааст. Илова бар ин, барои маблағгузории барномаи мазкур аз буҷети давлат беш аз 12 миллиард сомонӣ равона карда мешавад ва маблағи он дар маҷмӯъ 30 миллиард сомониро ташкил медиҳад. Пайваста ба афзоиши ҳаҷми буҷети давлатӣ маблағгузории соҳаҳои иҷтимоӣ зиёд карда мешавад ва дар соли 2013 6,4 миллиард сомонӣ ё зиёда аз нисфи буҷети давлатиро ташкил медиҳад. Дар натиҷаи амалишавии чораҳои зикргардида сатҳи камбизоатӣ дар мамлакат аз 81 фоизи соли 1999-ум то 38 фоиз паст гардид, яъне қариб 45 банди фоизӣ коҳиш дода шуд. Паст шудани сатҳи камбизоатӣ асосан натиҷаи рушди иқтисодӣ ва таъмин гардидани суботи макроиқтисодиву иҷтимоӣ мебошад.

Аз муқаррароти зикршуда бармеояд, ки давлати Тоҷикистон барои амалинамоии ҳуқуқи инсон ба зиндагии арзанда шароити муайян муҳайё намудааст ва вобаста ба иқтидори иқтисодии худ рӯз аз рӯз барои кам кардани сатҳи камбизоатӣ тамоми чораҳоро андешида истодааст. Мутобиқи Стратегияи баланд бардоштани сатҳи некӯаҳволии мардуми Тоҷикистон барои солҳои 2013-2015 сатҳи камбизоатӣ ба сатҳи 30 фоиз расонида хоҳад шуд.



**_Сангинов Дониёр_**
**_мудири кафедраи ҳуқуқи соҳибкорӣ ва тиҷорат_**

# АЗ ТАЪРИХИ САРҚОНУНИ ТОҶИКОН

Инкишофи Сарқонун дар Тоҷикистон панҷ марҳиларо аз сар гузаронидааст. Пайдоиш ва инкишофи он ба барпоёбӣ ва ташкили давлати миллии тоҷикон алоқаманд аст. Давлати миллии тоҷикон мувофиқи қарори КИМ-и ИҶШС аз 27 октябри соли 1924 дар ҳайати ҶШС Узбекистон ташкил ёфт. Марҳилаҳои қабули Қонуни асосӣ дар Тоҷикистон чунинанд:

1. Баъди ташкилёбии ҶМШТ масъалаи тайёр кардани Конститутсияи он ба миён омад. Анҷумани шӯрои Тоҷикистон баробари ташкили КИМ-и Тоҷикистон ба ӯ супорида шуд, ки то анҷумани оянда Конститутсияи ҶМШС Тоҷикистонро тайёр намояд. Анҷумани дуюми ҶМШС Тоҷикистон 28 апрели соли 1929 Конститутсияи аввалини ҷумҳуриро қабул кард, ки он мувофиқи Конститутсияи ИҶШС соли 1924 ва Конститутсия ҶШС Ӯзбекистон соли 1927 тайёр карда шуда буд.

2. Вале дере нагузашта аз тарафи Анҷумани сеюми шӯроҳо зарурият оиди ташкил намудани ҶИТ ба миён омад ва ба санадҳои Анҷумани фавқулодаи шӯроҳои Тоҷикистон 16 октябри соли 1929 қарор дар бораи ташкил ёфтани РСС қабул карда шуд. Аз ҷумҳурии мухтор ба ҷумҳурии иттифоқӣ табдил ёфтани Тоҷикистон дар таърихи давлатдории тоҷикон саҳифаи дурахшон аст. Дар қарори Анҷумани сеюми шӯроҳои Тоҷикистон дар бораи ташкилёбии РСС ба КИМ супориш дода шуд, ки Конститутсияи РСС Тоҷикистонро тартиб дода, барои қабул пешниҳод намояд. Конститутсияи соли 1931-и ҶШСТ давраи гузариш аз капитализм ба сотсиализмро ифода намуд. Аз ин рӯй зарурияти тайёр кардани лоиҳаи нави Конститутсия ба миён омад.

3. Ҳамин хулосаҳо буд, ки ИҶШС Конститутсияи нав қабул кард. Дар Конститусияи ИҶШС соли 1936 ба таври ҳуқуқӣ инъикос гардида шуданд. Дар анҷумани шашуми фавқулодаи шӯроҳо 1 марти соли 1937 Конститутсияи ҶШСТ қабул гардид, ки он моҳияти ба Конститусияи иттифоқӣ монанд буд ва дар он давраи нав давраи ғалабаи пурраи сотсиализм ифода меёфт. Дар натиҷаи гузариш ба давраи иҷтимоӣ - сиёсӣ ва низоми сиёсӣ масъалаи қабули Конститутсияи нав ба миён омад.

4. 15 июли соли 1977 иҷлосияи 7-уми ғайринавбатии Шӯрои Олии лоиҳаи нави Конститутсияи Тоҷикистонро ташкил кард ва лоиҳаи Конститутсия 19 марти соли 1978 барои муҳокима нашр гардид ва 14-уми апрели соли 1978 аз тарафи иҷлосияи 8-уми ғайринавбатии Шӯрои Олии ҶШСТ, даъвати 9-уми Конститутсияи 4-уми ҶШСТ-ро қабул намуд, ки он аз 10 фасл ва 19 боб, 174 модда иборат буд.

5. Баъди соҳибистиқлол гардидани Ҷумҳурии Тоҷикистон ба қабули эъломияи истиқлолият, 9 сентябри соли 1991 зарурияти қабул кардани Сарқонуни нав ба миён омад. Зеро, чуноне ки мо медонем, Сарқонун ин ҳамчун санади муҳим, асосӣ ва ҳуқуқии ҳар як давлати ҳуқуқбунёд мебошад. Лоиҳаи нави Сарқонуни ҶТ баъди иҷлосияи 16-ум (ноябри соли 1992) Раиси шӯрои олӣ интихоб гардидани Эмомалии Раҳмон алоқаманд мебошад. Аввали моҳи апрели соли 1994 баъди аз тарафи коммисияи Конститутсионӣ тайёр кардани лоиҳаи нав Сарқонун дар рӯзномаҳои ҷумҳурӣ 21-22-юми апрели соли 1994 интишор гардида, муҳокимаи он оғоз ёфт. 21-22-юми июл Сарқонун дар иҷлосияи 19-уми Шӯрои Олӣ муҳокима гардида, ба тариқи раъйпурсӣ тавсия карда шуд.

7-уми сентябри соли 1994 иҷлосияи 20-уми Шӯрои Олии ҶТ муҳлати анҷоми раъйпурсиро аз 25 сентябр то 6 ноябр дароз кард. Азбаски маъракаи интихоботи Президент ва раъйпурсӣ оид ба Сарқонун дар як вақт якҷоя мерафт, бо ин сабаб диққати мардум асосан ба интихобот ҷалб гардида буд. Бо вуҷуди ин 6-уми ноябри соли 1994 Сарқонуни ҶТ дар раъйпурсии умумихалқӣ қабул гардид. Натиҷаи расмии раъйпурсӣ чунин буд: Дар 64 ҳавзаи овоздиҳӣ 2685724 шаҳрванд ба рӯйхат гирифта шуд. Дар раъйпурсӣ 2535437 нафар, яъне 94,4% ширкат варзиданд. Ба тарафдории Сарқонун 2352554 нафар ё ки 87,59% ва ба муқобилаш 105300 нафар ё ки 3,92% овоз доданд.



Ба ҳамин натиҷаҳо Сарқонуни ҶТ 6-уми ноябри соли 1994 мақбул дониста шуда, ба қувваи амал даромад. Дар ҶТ 6-уми ноябр ҳамчун рӯзи истироҳат эълон шуда, ҳар сол мардуми мо онро ҷашн мегиранд ва имсол Сарқонуни азизамон 19-сола шуд.

**Ёраков ЗАФАР**
*донишҷӯи соли 1*

# ПАРЧАМИ ДАВЛАТӢ - РАМЗИ ОЗОДИВУ ИСТИҚЛОЛ ВА ҚУДРАТУ ТАВОНОИИ КИШВАР



Раҷабов М.Н.
мудири кафедраи ҳуқуқи байналмилалӣ

Дар таърихи халқи тоҷик афрохтани парчам ҳамчун рамзи барҳам задании пояи ҷабру бедодӣ, натиҷаи талошу мубориза бахри ба даст овардани озодиву истиқлол ва нишонаи қудрату тавоноӣ баҳогузорӣ мешавад. Ба ин тасвири уқоб дар парчам ё ливои Куруши Кабир чун рамзи давлати нерӯманд ва дурафши Коваи оҳангар чун талошу мубориза ва ҷоннисориҳои ниёгони мо барои озодиву истиқлол мисол мешаванд. Дар даврони Шӯравӣ парчами Тоҷикистон ифодагари мазмуну моҳияти кишвар дар ҳайати ИҶШС буд. Вале раванди ташаккулёбии истиқлолияти давлатӣ бо мувофиқат накардани парчами қаблии кишвар бо моҳияту мазмуни Тоҷикистони муосир замина гузошт. Бо дарки ин воқеият Шӯрои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон 28 июни соли 1991 "Дар бораи рамзҳои давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон" қарор қабул кард ва комиссияи махсус оид ба таҳияи рамзҳои давлатӣ ташкил карда шуду озмуни ҷумҳуриявӣ барои омода кардани рамзҳои давлатӣ эълон карда шуд.

Парчами давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон баъди ҷамъбасти озмун дар Иҷлосияи XVI Шӯрои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон тасдиқ карда шуд. Тасдиқи "Низомномаи Парчами давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон" бо Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 24 ноябри соли 1992 ба вуқӯъ омад, ки мувофиқи он ба моддаи 170 Конститутсияи ҶШС Тоҷикистон соли 1978, ки ба парчами давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон бахшида шуда буд, тағйироту иловаҳо ворид карда.

Парчами давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон бо мазмуну моҳияти нав чун рамзи истиқлолияти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар марҳилае таҳия ва қабул шуд, ки кишвари Тоҷикистонро оташи ҷанги шаҳрвандӣ фаро гирифта буд ва миллат ба қисматҳо тақсим шуда буд. Дар чунин раванди мураккабу ҳассос Парчами давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон қабул гардид, ки роҳбари тозаинтихоби кишвар бо бӯсидану ба дидаҳо гузоштани парчами давлатӣ қадами нахустинро бахри ободии ватану сарҷамъии миллат гузошт, ки мояи ифтихору сарфарозӣ ва рамзи шоистаи ватандорӣ мебошад.

***Дар парчами кишвар ибтидо мебинам,***
***Фарҳангу нишонаи ниё мебинам.***
***Чун ҷилва кунад ҳамеша дар боми Ватан,***
***Бар ҳастии хештан бақо мебинам.***
*(Шаҳрия)*

Сарқонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 6 ноябри соли 1994 Парчамро ҳамчун рамзи давлатӣ ва рукни асосии муқаддасоти миллӣ пазируфт (моддаи 3) ва онро дар боби аввал "Асосҳои сохтори конститутсионии кишвар" ҷой дод.

Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи рамзҳои давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон" 12 майи соли 2007 қабул карда шуд, ки моҳият ва истифодаи расмии Парчами давлатиро ҳамчун рамзи давлати мустақилу соҳибихтиёри Тоҷикистон муайян кард.

Дар Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи рамзҳои давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон" тартиби афрохтан (моддаи 5), ҷойгиркунии тасвири Парчами давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон (моддаи 6) ва ҷавобгариро барои таҳқири Парчам (моддаи 11) тибқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон пешбинӣ намуд, ки ҳуқуқи тасдиқи Парчами давлатиро ба зиммаи Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва тартиби тайёр кардан, андоза ва истифодабарии Парчамро ба ваколати Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон гузоштааст.

Парчам дар таърихи ҳар як халқу давлат мояи ифтихору гурур буда, баҳри ҳимояи марзу бум, номусу озодӣ, забону фарҳанг ва ватану миллат дар як саф қарор доштани фарзандони баору номуси кишварро ифода месозад. Аз ин нигоҳ, соҳиби Парчами миллӣ будан ифодагари рамзи давлати мустақилу соҳибихтиёрро дорад ва парафшонии он дар ҳар гӯшаи сайёра баёнгари мавҷудияти миллат ва давлат ва ифодагари арзишҳои дирӯзу имрӯз ва фардои миллат аст.

Аз ин нигоҳ, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соли 2009 бо истифода аз ҳуқуқи ташаббуси қонунгузории хеш лоиҳаи қонунро оид ба муқаррар намудани Рӯзи Парчами давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба парламенти кишвар пешниҳод намуд, ки тавассути ворид кардани тағйирот ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи рӯзҳои ид" аз 19 ноябри соли 2009 дар рӯзи алоҳида таҷлили Парчами давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба роҳ монда шуд. Ҳамин тариқ, ҳамасола рӯзи 24 ноябр дар кишвар чун рӯзи Парчами давлатӣ таҷлил гирифта мешавад. Дар соли 2010 бо ташаббуси Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон бунёди манораи бузурги парчам дар яке аз мавзеъҳои зеботарини пойтахти кишвар оғоз ёфт, ки дар арафаи 20-солагии истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон ифтитоҳ гардид, ки мавзеи ҷойгиршавии он "Майдони парчам" номгузорӣ шуд, ки Парчами давлатӣ дар баландии 165 метр, паҳноии 30 метр ва бо дарозии 60 метр афрохта шуд, ки дар китоби рекордҳои Генис шомил гардид.




Ҷанбаи байналхалқӣ-ҳуқуқии парчами давлатӣ дар муайян кардани доираи татбиқи юрисдиксия ва муқаррар кардани фазои давлатӣ ифода мегардад. Тибқи қонунгузории ҷиноятӣ Ҷумҳурии Тоҷикистон шахс агар дар киштии обӣ ё ҳавопаймое, ки таҳти Парчами Ҷумҳурии Тоҷикистон дар обҳои кушод ё фазои ҳавоӣ берун аз ҳудуди Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳаракаткунанда ҷиноят содир намояд, мутобиқи Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон (банди 3 моддаи 14) ба ҷавобгарии ҷиноятӣ кашида мешавад. Агар шахс дар киштии ҳарбии обӣ ё ҳавопаймои ҳарбии Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷиноят содир намояд, новобаста аз маҳалли содиршавии ҷиноят, шахс тибқи Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба ҷавобгарӣ кашида мешавад.

Парафшонии Парчами давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар пешгоҳи бинои Созмони Милали Муттаҳид ва бинoҳои созмонҳои байналхалқии универсалию минтақавӣ ифодагари эътирофи Ҷумҳурии Тоҷикистон чун узви комилҳуқуқи онҳо мебошад. Ҳангоми ҳама гуна ҷорабиниҳои байналхалқӣ парчами давлатҳои иштирокчиёни он дар як қатор барафрохта мешавад. Дар Созмони Милали Муттаҳид тибқи тартиби муайян парчами давлатҳои аъзо дар андозаи баробар ва дар як сатҳ қарор дошта ва дар марказ парчами Созмони Милали Муттаҳид барафрохта мешавад. Дар амалияи байналхалқӣ парчамҳои давлатӣ андозаашон хурд дар рӯи мизи корӣ, дар конференсияҳои байналхалқӣ ва воситаҳои нақлиёти намояндагони дипломатию шахсони расмии давлатӣ дар ҳудуди кишвари хориҷӣ истифода мешавад.

Ҳамин тариқ, Парчам дар радифи Нишон ва Суруди миллӣ барои ҳар як кишвари соҳибистиқлол чун рамзҳои давлатӣ ва муқаддасоти миллӣ эътироф карда шудааст. Аз ин нигоҳ эҳтироми волои рамзҳои давлатӣ ногузир аст ва бояд тавре ба онҳо муносибат намуд, ки нисбаташон беҳурматӣ зоҳир нагардад. Зеро парчами давлатӣ таҷассумгари мазмуну моҳияти давлат, таъриху фарҳанги халқ, арзишҳои миллию ҷуғрофии кишвар мебошад.

# САРҚОНУН – ИФТИХОРИ



Шарифов Манучехр
донишҷӯи соли 4-ум

Имрӯз халқи тоҷик соҳиби истиқлолияти миллӣ ва давлати миллии худ гардидааст ба азму иродаи қавӣ дорад,ки ин комёбии беҳамтои миллиро эҳтиёткорона ҳимоя намояд ва рушду равнақи бемайлон бахшад. Касби истиқлоли Ҷумҳурии Тоҷикистон ва инкишофи мустақилонаи минбаъдаи он дар тамоми соҳаҳои мухталифи ҳаёти ҷомеа дигаргуниҳои амиқро рӯи кор овард.Дар ҷомеа ақидаю андешаи давлати ҳуқуқбунёду демократӣ, таҷзияи ҳокимият, гуногунандешию бисёрҳизбӣ, соҳибихтиёрии мардум, эътирофи ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд, эътирофи имкон доштани мавҷудияти моликияти хусусӣ ба сифати шакли баробарҳуқуқи моликият ва ғайра, ки дар маҷмӯъ андешаи машрутиятро (конститутсионализмро) ташкил медиҳанд, рӯ ба ҳастӣ ниҳоданд. Дар ин ҷода қабул карда шудани Сарқонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон дастоварди бузургтарин аст,ки дар нахустин моддаи он сабт гардидааст, ки "Ҷумҳурии Тоҷикистон давлати соҳибихтиёр, демократӣ, ҳуқуқбунёд, дунявӣ ва ягона мебошад". Ин қабл аз ҳама чунин маъно дорад, ки дар саросари қаламрави Ҷумҳурӣ тамоми муносибатҳои ҷамъиятӣ ҳатман бояд дар асоси қонуну қонуният сурат гирад.

Бо шарофати соҳибистиқлолии кишвар ва сулҳу субот дар мамлакати мо 19-умин солгарди рӯзи Сарқонуни Ҷумҳурии Тоҷикистонро ботантана ҷашн мегирем, ки он 6-уми ноябри соли 1994 бо роҳи раъйпурсии умумихалқӣ ҳамчун Конститутсияи давлати соҳибистиқлоли Тоҷикистон қабул гардид. Қабули Сарқонуни мамлакат ҳам сарогози таърихи навини давлат ва ҳам рӯи кор омадани равобити иҷтимоии ҷадид ва танзими ҳуқуқии онҳо ва ҳам дар ниҳояти кор, арзи ҳастӣ намудани самти

# Рашан - рамзи адолати судии тоҷикон

Тоҷикон аз қадимулайём дорои фарҳанги ғании моддӣ ва маънавӣ буданд. Замоне, ки низоми ҳуқуқӣ ва падидаҳои ҳуқуқии тоҷикон дар даврони зардуштия пайдо шуда буд, ҳоло тамаддуни Рими Қадим, пайдо нашуда буд. Тамаддуни тоҷик бешак тамаддуни қадима аст ва одатҳои ҳуқуқӣ, падидаҳо, рамзи адолати судӣ ва дигар анъанаҳои ҳуқуқияш ҳанӯз дар ҳазораҳои пеш аз мелод ба авҷи аъло расида буданд.

Рашан рамзи адолат, довари адолати судӣ дар сарзамини тоҷикон дар ибтидои ҳазораи 2-1 қабл аз милод ба вуҷуд омадааст. Мувофиқи таълимоти зардуштӣ Рашан фариштаест, ки кафили адолат ва ҳақиқат дар рӯзи маҳшар маҳсуб меёбад. Дар шумораи гузаштаи Минбари ҳуқуқшинос" (№2 (2), аз 18 апрели соли 2013) устоди кафедраи ҳуқуқи инсон ва ҳуқуқшиносии муқоисавӣ Сафаров Дилшод ишорае ба ин масъала намуда буд, ки бо назардошти муҳимияти мавзӯъ қарор додем атрофи Рашани тоҷикон чизе бинависем.



Ҷаҳонгир САЪДИЗОДА
ассистенти кафедраи ҳуқуқи инсон ва ҳуқуқшиносии муқоисавӣ

Рашанро аксари муҳаққиқон фариштаи қазоваткунанда дар рӯзи қиёмат меҳисобанд. Масалан, Ю.Яъқубов дар китоби худ "Гоҳномаи Авастоӣ" Рашанро яке аз доварони ном мебарад, ки дар рӯзи қиёмат адолати додгоҳиро барпо карда, гунаҳгоронро ба ҷазо мекашад. Андешаи ба ин монандро Ҳошими Розӣ иброз доштааст. Чунончи ӯ дар китоби "Авесто: Кухантарин ганҷинаи мактуби Ирони бостон" Рашанро фариштаи адолат ва ҳақиқат меҳисобад. Ҷалили Дӯстхоҳ низ дар китоби "Авесто: кухантарин сурудаҳои Эрони Бостон" Рашанро фариштаи адолат мешуморад. Профессор И.М-.Стеблин-Каменский дар китоби "Авеста: Избранные гимны" Рашанро на фаришта, балки худои тартибот ва ҳақиқат ба қалам додааст. Вале ҳеҷ яке аз онҳо унсурҳои марбут ба ӯро, ба монанди Офтоб, чашмони кушода, тарозуи заррин, оташ, тоҷ, камарбанд ва ғайраро шарҳ надодаанд. Шарҳи баъзе аз унсурҳои Рашанро дар китобҳои профессор Холиқов А.Ғ. "Низоми ҳуқуқи зардуштия"(бо забони русӣ) ва "Мухтасар аз таърихи ҳуқуқи инсон" дидан мумкин аст. Дар китоби якум муаллиф чунин меорад: Дар фаргарди 5 Ардавирофнома қайд карда шудааст: "Вақте ки ман (Ардавир) аз пули Чинвод гузаштам... фаришта Рашанро дидам, ки дар дасташ тарозуи заррин дошт. Вай рафторҳои хуб ва бади инсонҳоро дар он бармекашид". Пули Чинводе, ки дар Ардавирофнома омадааст бо Пули сироти исломӣ шабоҳат дорад, зеро мувофиқи Ардавирофнома тавассути Пули Чинвод низ намояндагони дини зардуштӣ баъд аз маргашон мегузаштаанд. Ва шахсоне, ки дар дунё рафторҳои нек доштанд тавассути ин пул ба биҳишт мерафтаанд ва баръакс, шахсоне, ки рафторҳои бад доштанду гунаҳгор буданд, пули мазкур барои онҳо дами теғ барин тез мешудаасту онҳо ба дузах меафтидаанд. Яъне, ин ҷо умумияти ин ду пул (Пули сирот ва пули Чинвод) дида мешавад.

Дар китоби дигараш профессор Холиқов А.Ғ. фаришта Рашанро чунин шарҳ медиҳад: "Дар сарзамини тоҷикон Олиҳаи адолати судӣ дар ибтидои ҳазораи 2-1 қабл аз милод Рашан будааст, ки дар он акси офтоб чун садоқати Митра ва тарозу бо оташ инъикос ёфтааст. Оташ гунаҳгорӣ ва ё бегуноҳии шахсро муайян мекарду тарозу адлро таъмин".



Ҳамаи ин гуфтаҳо аз он шаҳодат медиҳанд, ки дар сарзамини тоҷикон ҳанӯз дар даврони низоми ҳуқуқии Зардуштӣ, фариштаи адолату ҳақиқат ва Худои тартибот - Рашан мавҷуд будааст.

Тарозуи дасти Рашан (ба монанди тарозуи Фемидаи юнонӣ) нишонаи адолати судӣ буда, дар он кирдорҳои нек ва бади инсонҳо баркашида мешавад. Тарозу дар дасти рости Рашан қарор дорад, ки нишонаи ростӣ ва дурустии мизони адолат аст (тарозуи Фемида дар дасти чап мебошад). Эҳтимол меравад ин унсур, яъне дар даст доштани тарозу аз Рашан ба Фемида гузаштааст, зеро мувофиқи манобеи таърихӣ тарозу маҳсули дасти шарқиён буда, аввалин маротиба дар Шарқ пайдо шудааст.

Дар фарқият аз Фемидаи юнонӣ чашмони Рашан кушода ҳастанд. Ин гувоҳи дар сатҳи олӣ гузаштани мурофиаи судӣ аст. Зеро бо чашмони баста эҳтимолияти кур-курона қазоват кардан вуҷуд дорад. Илова бар ин, танҳо одами бино метавонад рафтори зоҳирии шахсро баҳо диҳад. Чеҳраи Рашан ба тарафи дасти рост гардонида шуда, чашмонаш ба тарозу нигаронида шудаанд, ки гувоҳи ҳаматарафа баҳо додан ва бо назари ҳақиқӣ назорат кардани тарозу мебошад. Инчунин, танҳо ба тарозу назар кардани ӯ нишонаи беғаразӣ мебошад.

Оташ (дар фарқият аз Фемида), чун яке аз чор унсури табиат гунаҳгорӣ ва бегуноҳии шахсро муайян мекунад. Зеро дар тамаддуни зардуштӣ оташ чизи муқаддас шуморида мешуд ва ба пиндори зардуштиён оташи пок қудрати муайян кардани гунаҳгор ё бегуноҳ будани шахсро дошт. Офтоб бошад, нишонаи рӯз ва равшанӣ аст. Дар болои сари Рашан чун фарри эзадӣ шуълаафкании он таносуби шаклии фарри шахс ва офтобро таъмин намудааст. Инчунин, адолати судӣ ҳама вақт дар рӯзи равшан бояд ба амал бароварда шавад. Дар торикӣ ва шаб қазоват кардан чун анъана номақбул маҳсуб мешавад. Илова бар ин, Офтоб нишонаи нур ва некӣ аст, ки мубориза ва ғалаба бар зулмот ва бадиро нишон медиҳад.

Дар сари Рашан ҳамчун анъанаи миллии тоҷикон тоҷи заррин гузошта шудааст, ки он нишонаи ҳокимият ва шукуҳу шаҳомати аст. Яъне Рашан ҳокими мутлақи мурофиаи додгоҳӣ аст ва қарорҳои ӯ мисли қарорҳои шоҳон фаврӣ иҷро мегардад.

Ҷомаи зарҳалии остинкутоҳ ва аз таги он пироҳани сабз ба бар чун либоси маросимӣ ба қазоват ва ба амал баровардани адолат андармон будани ӯро нишон медиҳад. Илова бар ин, ҷома либоси миллии тоҷикон буда, ба тоҷикон мансуб будани Рашанро ифода мекунад. Қайд кардан зарур аст, ки пироҳан доштани фариштаи адолат аз Рашани тоҷикон ба олиҳаи Римӣ - Юститсия ва баъдан ба олиҳаи юнонӣ - Фемида гузаштааст. Зеро дар ибтидо Фемида дар шакли урён бе пироҳан буд ва баъдан рассомон ба ӯ пироҳан (мантия)-ро "пӯшониданд".

Куштӣ (камарбанд)-и сафеди ӯ рамзи покӣ буда, бо он баста шудани миёни Рашан нишонаи устувории ҳокимияти судӣ аст. Илова бар ин, миёни баста нишон медиҳад, ки ӯ танҳо ба хотири қазовати одилона ва поквиҷдонона камари ҳиммат бастааст.

Дар тафовут аз Фемидаи юнонӣ, ки зан аст, Рашан мард аст. Зеро маҳз мард бо қувва ва нерӯи худодод метавонад гунаҳгоронро ба ҷазо бикашад. Табиатан низ мардон нисбат ба занон пуркувват ҳастанд.

Имрӯз рамзи адолати судии тоҷикон - Рашан дар баробари Фемидаи юнонӣ бояд дар тамоми дунё ҳамчун рамзи адолати судӣ шинохта шавад. Вале дар давлатҳои дигар яксӯ истад, ҳоло ҳам зинатбахши болои мизи кории мо - ҳуқуқшиносони тоҷик то ҳол Фемидаи юнонӣ аст на Рашани тоҷик. Аз ин рӯ, тамоми рассомону сураткашон (иллюстраторҳо)-ро зарур аст, ки аз рӯи нишонаҳои зикргардида расми олиҳа Рашанро ба тасвир бикашанд, то рамзи адолати судии мо ба мисли Фемидаи юнониён дар ҷаҳон ҳамчун РАШАНИ ТОҶИКОН машҳур гардад. Пешниҳод доштам, ки ибтидо дар саҳифаи аввали рӯзномаи "Минбари ҳуқуқшинос" ба ҷои Фемида расми Рашан гузошта шавад, то мо тавонем таърихи гузаштаи худро зинда кунем.

# ДАВЛАТИ ҲУҚУҚБУНЁД

навини илми давлатшиносии давлати ҷавони Тоҷикистон мебошад. Миллати тоҷик ҳам дар гузаштаи хеле дур ва ҳам дар даври минбаъдаи сайри таърихи башар аз зуҳури тамаддуни умумибашарӣ бенасиб набуд. Ин миллат ҳам дар замони соҳибдавлатиаш (оли Сомон), ҳам дар даврони ҳукмронии турку манғит ва ҳам дар гузаштаи наҷандон дури шӯравӣ дар эҷоди тамаддуни умумибашарӣ саҳми босазои худро доштааст.

6-уми ноябр рӯзи Конститутсияи (Сарқонуни) Ҷумҳурии Тоҷикистон аст. Сарқонуни кишварро одатан бахтномаи шаҳрвандон меноманд ва ин сухан муҳоботе нест, зеро кулли буду набуди инсон маҳз марбути Сарқонун аст. Аз ин лиҳоз, рӯзи Сарқонуни кишвари соҳибистиқлоламон барои мо иди фирӯз аст. Бингаред, ба соли 1994, ки Сарқонуни давлати соҳибистиқлоли тоҷик кабул шуда буд. Дар кишвар муқовиматҳои ҷонибҳои даргир идома дошт. Душманони хоричию дохилӣ бо кулли нерӯяшон зӯр мезаданд, ки Тоҷикистонро чун давлати соҳибистиқлол аз харитаи сиёсии олам бизудоянду ҳам дар гирди Тоҷикистону ҳам миллати Тоҷик хатти батлонро бикашанд. Ба хотири амалӣ гардонидани ин мақсади разил аз ҳама нерӯяшон истифода мебурданд. Аммо онҳо бехабар аз он буданд, ки мардуми соҳибфарҳанги мо дар таърихи хеш бо мардонагиашон ҳамеша садди роҳи чунин тиработиниҳо буд. Ҳамчунин ба ҳамаи талошҳои душманони бурунмарзию дохилии кишвари мо нигоҳ накарда, Ҷаноби Олӣ Эмомалӣ Раҳмон бо мадади мардуми шарифи Тоҷик, фарзандони сарсупурдаи ин халқ тавонист, ки якпорчагии кишварро комилан нигоҳ дорад. Ва на танҳо нигоҳ дошт, балки дар рушди он, беҳбудии рӯзгори мардум корҳои шоёна созмон дода шуданд.

Сарқонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон қабл аз ҳама Истиқлолияти Ҷумҳурии Тоҷикистон, истиқлолияти сиёсию иқтимоии ҳар як шаҳрванди кишварамон мебошад, ки он чун як қонуннома кулли бошандагони Ҷумҳурии Тоҷикистон новобаста аз ирку нажод, миллату мансубият, ҳуқуқи ҳар як шаҳрвандро дар сояи қонунҳои амалкунанда таъмин намуда, ба онҳо кафолати зиндагии осудаю бофароғат, саодат, хушрӯзию шукуфоиро муҳайё месозад.

Бинобар ҳамин, ҳар яки мо вазифадорем, ки ба хотири манофеи Ватан, ба хотири ободии кишвар, боз ҳам баландтар шудани сатҳи зиндагонии мардум дилсӯзона заҳмат кашем, меъёрҳои муқарарнамудаи Сарқонунро риоя намоем.



*Диноршоев А.М.*
*Заведующий кафедрой конституционного права, юридического факультета ТНУ, доцент, к.ю.н.*

# ПРИРОДА КОНСТИТУЦИОННЫХ ПРАВ И СВОБОД ЧЕЛОВЕКА И ГРАЖДАНИНА

После приобретения независимости, Республика Таджикистан взяла курс на построение демократического и правового государства, в котором права человека занимают важное место.

Права и свободы человека и гражданина являются определяющим звеном развития государства и общества независимого Таджикистана. Президент Республики Таджикистан, будучи конституционным гарантом прав и свобод человека и гражданина, постоянно заботится об улучшении ситуации по соблюдению и защите прав человека в стране. В своем Послании Маджлиси Оли Республики Таджикистан от 2013 г. Президент Республики Таджикистан Эмомали Рахмон отмечает: "Одной из главных задач государства являются защита прав и свобод человека, обеспечение верховенства закона и правопорядка".

Статья 5 Конституции Республики Таджикистан гласит: "Человек, его права и свободы являются высшей ценностью. Жизнь, честь, достоинство и другие естественные права человека неприкосновенны. Права и свободы человека и гражданина признаются, соблюдаются и защищаются государством". Этим выражена приверженность философии, которая ставит защиту людей, их прав и свобод в центр института государственности, и данная статья Конституции РТ подтверждает этот основополагающий правовой принцип в Республике Таджикистан.

Согласно ч. 2 ст. 14, "права и свободы человека и гражданина осуществляются непосредственно". Тем самым Конституция признает основные права как существующие независимо от конкретного законодательства естественные права человека и гражданина.

Эти положения далее раскрываются в главе 2 Конституции страны, которая полностью посвящена правам, свободам с основным обязанностям человека и гражданина. В статьях с 14 по 47 Конституции РТ 1994 г. права и свободы "позитивированы". Это означает, что им придана форма прямо действующей нормы права.

Значимость конституционно закрепленных прав и свобод выражается в том, что именно их реализация необходима для претворения в жизнь сущностных свойств государства как демократического и правового. Конституционные права и свободы человека и гражданина можно определить как закрепленную и гарантированную Конституцией РТ возможность человека и гражданина пользоваться различными социальными благами для удовлетворения своих потребностей.

Конституционные права и свободы - это не все права и свободы, которыми обладает человек, а только основные, или фундаментальные. Почти все демократические конституции при самом полном перечислении прав и свобод в заключение признают, что перечень не является исчерпывающим, т.е. что за человеком и гражданином остаются и другие права и свободы. Закрепление данных прав в конституции обусловлено особыми свойствами этих прав и обязанностей.

Во - первых, для них характерна повышенная значимость. Данные права и обязанности жизненно важны для конкретного человека и социально значимы для общества и государства. Их важность для человека связана с обеспечением его личной свободы, с участием в управлении обществом и государством, членом которых он является, с удовлетворением своих материальных и духовных потребностей. Для общества и государства значение этих прав состоит в том, что они создают возможности для активной роли населения в поступательном развитии общества и государства, улучшении условий общественной жизни, демократизации общества и государства.

Во- вторых, конституционные права, свободы и обязанности составляют ядро других прав и обязанностей, получают свое развитие в правах и обязанностях, установленных другими отраслями.

В - третьих, для конституционных прав характерна высокая степень обобщения: они едины для каждого человека и каждого гражданина, распространяется на всех.

В - четвертых, они обеспечиваются повышенной правовой охраной.

Конституционные права и свободы являются главным элементом конституционных правоотношений. Эти правоотношения возникают между человеком, гражданином и государством, порождая обязанность государства защищать и охранять основные и другие права и свободы каждого отдельного человека и гражданина. Он вправе требовать защиты прав, которые государство признало естественными и неотъемлемыми. Правоотношения по поводу основных прав и свобод отличаются от правоотношений по поводу других прав особым механизмом защиты и силой прямого действия конституции.

При этом, следует подчеркнуть, что понимание отношений человека и государства как правоотношений не означает ее полной регламентации. Для человека смысл этих правоотношений состоит в получении защиты своих прав, а для государства - обязанности оказать эту защиту.

Закрепленные в статьях 5 и 14 Конституции РТ конституционных прав и свобод как непосредственно действующих еще раз подтверждает признание Основным законом концепции естественных прав. Права человека определяют смысл, содержание применение законов, деятельность всех ветвей власти и обеспечиваются правосудием.

Конституционные права и свободы эффективно могут быть гарантированы лишь устойчивой, стабильной практикой работы всех государственных органов и общественных объединений, которая в целом обеспечить гражданам пользование правами и свободами, предотвращает их возможное нарушение. Гарантией конституционных прав и свобод служит лишь такая деятельность государственных органов, которая отвечает строго закону.

# Давлат - сипари оила

Пеш аз он ки мо ин масъаларо матраҳ намоем, мо бояд донистани мафҳуми оиларо дар ҷойи аввал гузорем. Вақте ки як шахс ҳаёти худро ба ҳаёти каси дигар мехоҳад бипайвандад ва мумкин аст, ки фарзанд низ тарбия намояд, дар ин ҳолат оила бунёд мегардад. Агар ҷомеа девори бошад оила як хишти асосии он ба шумор меравад. Оила-мураббии аввалин, роҳнамои ҳаёт, асосгузори ҳаёти ҳар як инсон ба ҳисоб меравад. Муҳимтарин коре, ки инсон дар ҳаёти худ анҷом медиҳад, ин бунёди оила мебошад. Инсон бояд дар зиндагӣ дар интихоби ду чиз хато накунад. Ин ду чиз яке оила ва дигаре касб мебошад. Зеро ин ду чиз дар тамоми ҳаёт инсонро ҳамроҳӣ менамоянд.

Қобили зикр аст, ки Президент ва Ҳукумати Ҷумҳурӣ ба соҳаи иҷтимоиёт ва хусусан баҳри оила таваҷҷуҳи хоса зоҳир менамоянд. Яъне, ба оилаҳои камбизоату ятимон, бепарасторону барҷомондагон пӣваста ғамхорӣ менамоянд ва ягон неъмати қиматбаҳое нест, ки сарвари давлат ва ҳукумат барои оилаҳои ниёзманд дареғ дошта бошанд. Ин ғамхориҳои сарвари давлат ва ҳукумати кишвар дар моддаи 1 қисми 2-и Сарқонуни ХТ нишон дода шудааст. Аз ин ҷо маълум мегардад, ки давлат дар ҳаққи оила бисёр ғамхориҳои зиёде менамояд. Вале дар ин ҷо суоле ба миён меояд, ки оё шаҳрвандон низ ба қадри ғамхориҳои падаронаи сарвари давлат ва ҳукумат мерасанд ва онро дарк менамоянд!

Мувофиқи муқаррароти моддаҳои 33 ва 34-и Сарқонуни ХТ, яъне "Давлат оиларо ҳамчун асоси хамъият ҳимоя менамояд. Модару кӯдак таҳти ҳимоя ва ғамхории махсуси давлатанд" ва сарчашмаи дигаре, ки инро исбот менамояд, ин Кодекси оилаи ХТ ки 13 ноябри соли 1998 мебошад, ки тибқи муқаррароти моддаи 1-и қонуни мазкур чунин қайд шудааст: "Оила, ақди никоҳ, модар, падар ва кӯдак дар ХТ таҳти муҳофизати давлат қарор доранд". Аз ин ҷо муайян мегардад, ки "оила зери ғамхории давлат аст" ин як принсипи конститутсионии давлат ба шумор меравад, ҶТ ҳоло ин принсипи конститутсионии худро дар сатҳи баланд иҷро намуда истодааст.



Хушбахтона, баъди ба даст даровардани истиқлолияти давлатии ҶТ ба бисёр комёбиҳо ноил гардид. Бо шарофати истиқлолият сатҳу сифати зиндагии оилавии мардум хуб гардид. Таърих дар хотир надорад, ки пеш аз давлати соҳибистиқлоли Тоҷикистон мардум чунин зиндагии хубу осоишта дошта буданд.

Айни замон бо шарофати истиқлолияти давлати дар мамлакат бисёр биноҳову муассисаҳо барои пиронсолону ятимон, маюбон ва барҷомондагон сохта бо шароитҳои ҳозиразамон ба истифода дода шудаанд. Президенти кишвар дар сафарҳои худ ба шаҳру ноҳияҳои мамлакат бо мардум ва хусусан ба ин гуна оилаҳо аз наздик шинос шуда ва аз зиндагии онҳо пурра хабардор мешавад. Ҷавонони маъюбу бепарастор, ятимону ниёзмандоне, ки ба синни никоҳӣ расидаанд, бо дастгирии бевоситаи Сарвари давлат ва Ҳукумати ҶТ бо як шукӯҳу шаҳомати баланд ва хурсандии беандоза оиладор карда мешаванд. Дар кишвари мо сафи соҳибкорони хайрхоҳ низ кам нест, ки онҳо саҳми худро дар пешрафти ҷомеа ва ин кори хайр мегузоранд. Ин кор аз рӯи шариати дини мубини ислом кори хайре савоб бошад, аз тарафи дигар амалӣ гардидани ин принсипи конститутсионӣ, яъне "оила зери ғамхории давлат" ба шумор меравад.

Додани нафақапулӣ низ яке аз роҳҳои хуб намудани сатҳу сифати зиндагии мардум ва аз ҷумла баҳри оилаҳои ниёзманд мусоидат менамояд, ки ин низ баҳри расидан ба ин принсип ёри аввалиндараҷа мерасонад. Ин гуфтаҳо боз далели моддаи 1 қисми 2-и Сарқонуни ҶТ мебошад.

Аз ин ҷо дарк намудан мумкин аст, ҳукумати кишвар ва сарвари давлат масъулияти ба ухдаи худ доштаро ба хубӣ дарк менамояд. Дар ин ҷо мо, агар давлатро сипари оила ҳам гӯем, ба ҳеҷ ваҷҳ мо хато намекунем. Яъне, нигаҳбони асосии оила давлат ба шумор меравад.



*Орзуев Фаромуз*
*донишҷӯи соли 1*

# ИНТИХОБИ МАН



Мо як давлат як сарзамин як ватани ободу озод дорем, ки номаш Тоҷикистон аст. Бо кишвару бо сарвару бо мардуми сарбаланду дилогоҳи ватанам ифтихор мекунам.

Ватани маҳбуби ман дар ин моҳи ноябр чорабинии муҳими сиёсӣ-интихоботи президенти Ҷумҳурии Тоҷикистонро гузаронд. Бахтномаи миллат барои ман ва томоми шаҳрвандони мамлакат, ки синнашон аз 18 боло аст, ҳуқуқу озодиҳои ширкат кардан дар маъракаи тақдирсози миллатро додааст. Аз ин рӯ, ман ифтихорманду хушҳолам, ки рӯзи 6 ноябр ба интихобот рафта, ба тарафдории номзади воқеан ҳам арзанда, ки меҳраш дар қалбу ҷонам маъво гирифтааст, раъй додам.

Президенти ман Эмомалӣ Раҳмон буд, ҳаст ва мемонад. Шахсан ман дӯст доштани ватан, эҳтиром гузоштан ба арзишҳои миллӣ ва ҳисси баланди худшиносиву меҳанпарастиро аз сарвари давлати Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон омӯхтаам. Ҳар вақте, ки Эмомалӣ Раҳмон сарвари муаззами кишвар аз минбари баланд иброз медоранд, ки "Ватани худро дӯст доред" мо ҷавонон ба ваҷд меоем. Ин сухан аён аст, ки аз қалби пурчушу хуруш ва саршор аз самимияту садоқати пешвои тоҷикони ҷаҳон садо медиҳад. Президенти ман Эмомалӣ Раҳмон миллати овозадорро дар ҷаҳон муаррифӣ кард. Фарҳангу тамаддуни тоҷикро ба оламиён шинос намуд ва исбот кард, ки дар гӯшае аз сайёраи замин қавмеву миллате бо номи ТОҶИКИ ТОҶДОР маълуму машҳур аст. Хизматҳои шоёни Эмомалӣ Раҳмон дар даврони 22 соли истиқлолият бахри пешрафту тараққиёти бахшҳои иқтисодиёту иҷтимоиёти мамлакат хеле бузург аст. Дар арафаи интихоботи навбатӣ ман пешгӯӣ карда будам ва бо боварии комил изҳор доштам, ки чун интихоботҳои қаблӣ бо дарёфти фоизи зиёди овозҳо боз ба ишғоли волотарин мақоми роҳбарии кишвар мушарраф мегардад. Зеро бузургиашро ҳар зарра хоки сарзамин, ҳар қатра оби Ватан эҳсос кардаанду аз иноятӣ Худованд бо интихобкунандагон ҳамовоз шудаанд. Ман бо боварӣ мегӯям, ки Эмомалӣ Раҳмон дар ин муҳлати ҳафтсола низ муваффақ мегардад. То он даме, ки сарвари муаззами миллат, соябону роҳнамои мардум аст Тоҷикистон пешрафтаву шукуфон ва дар арсаи байналмилалӣ мавқеи боз ҳам хосаеро касб мекунад. Эътироф мекунем, ки сарвари ин давлату ин миллат ва ин ҷомеаи ҳуқуқбунёду дунявиро ҷомеае, ки ҳуқуқи инсон, озодии шаҳрванд ва мартабаи шахсро аз ҳама чиз боло медонад ва эътироф мекунад ҷаҳониён низ эътироф хоҳанд кард. Мо ҳама насли ҷавон рӯзи 6-уми ноябр яқдилона ба номзад аз Ҳизби Халқии Демакратии Тоҷикистон овоз додем.

**Салимов Юсуфҷон**
***донишҷӯи соли 3***

## НАҶОТИ МИЛЛАТ

Раҳбари Тоҷикистон,
Мисли ту нест дар ҷаҳон.
Мардум ҳама баробар,
Бародару баробар.
Дар солҳои навадум,
Нофаҳмӣ шуд ба мардум.
Ин нофаҳмиҳои хурд,
Мусибат шуд ба мардум.
Хулас ҷанги калон шуд,
Ҷанги бародарон шуд,
Аммо бар сари миллат,
Раҳбаре шуд баиззат.
Ӯ аз қафои кон шуд,
Роҳи ҷангро поён шуд.
Роҳбари давлати мо,
Маҷлисеро кард барпо.
Дар зебо шаҳри Хуҷанд,
Ӯ ҳамаро кард якҷо.
Баромад болои тахт,
Гуфто: -шавед хушбахт!
Манам тоҷики тоҷдор,
Коре кунам сазовор.
Ҷанг бо ҳамин анҷом шуд,
Роҳи онҳо поён шуд.
Ин давлати камзамин,
Зебо гашту нозанин.



## ВАТАН-МОДАР

Диёрам, зодгоҳам, кишвари ман,
Ту ҳастӣ ҳам ватан ҳам модари ман.
Ту ҳастӣ фахри ман ҳам минбари ман.
Ту ҳастӣ, эй ватан, болу пари ман.
Ту ҳастӣ нанги ман номусу орам.
Ту ҳастӣ, эй ватан, омӯзгорам,
Ту ҳастӣ хонаи озоди тоҷик,
Ту ҳастӣ хонаи ободи тоҷик
Ман аз ту фахр дорам ,Тоҷикистон
Туро ман дӯст дорам беҳтар аз ҷон



***Абдураҳимов РОМИЗҶОН***
*донишҷӯи соли 1-уми шуъбаи муносибатҳои байналхалқӣ*

## Тоҷикистон



Т- Торумори аҷнабиҳо аз сарат бигзашта буд,
О- Осмони беғуборат абру торик гашта буд,
Ҷ- Ҷамъиятро ноумедӣ буд он даврони сард,
И- Ин замини хоксорат лолагуну чангу гард.
К- Кафтари иқбол омад бар дарат занг.ла дод,
И- Иқтидорат гашт ҳамчун гармии хуршед дод.
С- Солҳо бигзашту сулҳу амният дар кор шуд.
Т- Турнаи бахту салоҳ бо осмонат ёр шуд.
О- Он қадар зебоӣ, меҳан, дар назар афсонаӣ,
Н- Номи некат фахри моён, ҷону ҳам ҷононаӣ!

## Забон

Сарбаландӣ аз забон аст, ҳам ба пастӣ мебарад,
Умрро барбод созад ҳам ба ҳастӣ мебарад.
Хастагонро нӯшдору, гоҳ заҳри қотил аст
Амният пойдор созад, гоҳ ҷангу ботил аст.
Нуктасанҷонро барори кору ҳам сулҳу салоҳ,
Золимонро бошад он мисли камону ҳам силоҳ.
Ақл аст сарлавҳаи ҳар як сухан пурпечутоб,
Баҳру барро ақл созад гарм ҳамчун офтоб.
Офати ҳар як сухан аз ақл берун гаштан аст,
Гар сухан аз ақл ояд, шоду мамнун гаштан аст.

## Устод



Ба дасти ту тарозуи ҳақиқат,
Ки мо аз ту ҳаме ибрат бигирем.
Ба мо г.йӣ чӣ бошад раҳму шафқат,
Ки суратро на, бал сират бигирем.
Раҳи маънию ақлу ин заковат,
Биомӯзӣ ба мо роҳи адолат.
Аё устод, роҳи маънӣ ом.з,
Шавем садди раҳи боди ҷаҳонс.з
Бифахрӣ ту аз ин шогирдҳоят
Агар оқил шавем моён, ниҳоят.

## Абадият

Шуҳрат абадӣ нест на хушбахтиву шодӣ,
Қудрат абадӣ нест, на дороии моддӣ
Зиннат абадӣ нест, на мансаб на ҳаёте
Сарват абадӣ нест, биҷу роҳи наҷоте
Некӣ абадӣ монаду пас аз сари мо ҳам
Покӣ абадӣ бошаду дар назди Худо ҳам,
Дониш абадӣ бошад, агар суд расонад,
Шеъре абадӣ монаду дар дафтари мо ҳам
Д.стӣ абадӣ монад, агар аз дилу ҷон аст,
Он чи ки ба даст омаданаш кори гарон аст.
?ақ ҳам абадӣ аст, ҳақиқатталабӣ ҳам,
Зеро ки абад дар сухани "ҳақҝ" ниҳон аст.

**Содиқова ШАҲНОЗА**
**донишҷӯйи соли дуюм**



# ТАСДИҚИ РӮЙХАТИ ҶАШНВОРАҲОИ ТОҶИКИСТОН АЗ ҶОНИБИ ЮНЕСКО

- Дар ҷаласаи 37-уми Конфронси генералии ЮНЕСКО рӯйхати ҷашнвораҳо ва зодрӯзи шахсони маъруфе, ки аз ҷониби созмони ЮНЕСКО солҳои 2014-2015 таҷлил мешаванд, тасдиқ гардид. Дар рӯйхати мазкур 4 номгӯйи Ҷумҳурии Тоҷикистон низ шомил аст.

--700- солагии Мир Саид Алии Ҳамадонӣ, мутафаккир ва файласуфи шарқ (номинатсияи якҷоя бо Эрон);

--600- солагии Абдураҳмони Ҷомӣ, файласуф;

--3000- солагии Ҳисор;

--100- солагии Зиёдулло Шаҳидӣ, оҳангсоз.

Бояд зикр кард, ки ҳуҷҷатҳои номгӯйи мазкур аз ҷониби шуъбаи Комиссияи миллӣ ба созмони ЮНЕСКО соли 2011 пешниҳод шуда буданд ва хушбахтона, имрӯз аз ҷониби Дабири кулл тасдиқ гардиданд, ки ин нишонаи дастгирии сиёсати фарҳангии кишвари мо мебошад.

Дар ин бора котиби масъули Комиссияи миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба корҳои ЮНЕСКО Шаҳло Абдураҳимова хабар дод.

**АМИТ "Ховар"**



# НАШЪАМАНДӢ ШИКАСТИ ИРОДА АСТ

Дар шароити мураккабе, ки имрӯз мо қарор дорем, масъалаи истеъмол ва фурӯши маводи мухаддир боз ҳам масъалаи доғу ҳассос шуда, таваҷҷуҳи васеи ҷомеаи ҷаҳониро фаро гирифтааст. Мо ҷавонон низ дар ин масъала бетараф буда наметавонем, чунки бартараф ва пешгирӣ намудани камбудиҳои ҷомеа вазифаи ҷонии ҳар яки мост. Аз ин рӯ, кӯшиш менамоем, ки то андозае масъулиятро бар дӯш гирифта, аз пайи таҳлилу баррасӣ ва ҳаллу фасл намудани ин проблемаи ташвишовар гардем.

Паёмбари ислом (с) мефармоянд: "Ба қадри ду неъмат қабл аз заволаш бирасед: саломатӣ ва осудагӣ". Мутаассифона, нашъамандӣ, ҳар дуи ин неъматҳои инсониро аз байн мебарад. Нашъамандӣ имрӯз, махсусан дар байни ҷавонон паҳн гашта, онҳоро ба гумроҳӣ мебарад ва ба оқибатҳои нохуш оварда мерасонад. Шахсони истеъмолкунандаи ин маводро инсони комил ва одамони фаъоли ҷомеа гуфта наметавонем, чунки дар ҳоли истеъмоли ин мавод метавонанд ба кирдорҳои бадтарин даст score зананд ва ба оқибатҳои кирдори худ ҷавоб гуфта наметавонанд.

Истеъмоли он барои худи инсони ба ин роҳрафта оқибатҳои харобиовар дорад. Дар ниҳояти кор ӯро аз ҷамъият дур сохта, аз зиндагӣ дилмонда ва парешонхотир мегардонад. Бояд тазаккур дод, ки яке аз бемориҳои нангине, ки бо роҳи сӯзандору аз як шахси нашъаманд ба нашъаманди дигар мегузарад, ин Вируси норасоии масунияти бадан мебошад. Намудҳои зиёди ин мавод имрӯзҳо дар истеъмол ва хариду фурӯш қарор доранд. Бадбахтона, бисёриҳо аз рӯи надоштани маълумоти пурра доир ба ин амалҳои номатлуб ба воситаи миёнаравҳо ба ин дом меафтанд. Чунин намудҳои маводи мухаддир ба монанди героин, какаин, марихуана, бангдона, ки онро нашша низ мегӯянд, инчунин омфетаминхо низ мебошанд, ки дар қонунгузории ЧТ содирот, истеҳсол, коркард, нигоҳдорӣ ва истифодаи онҳо таънҳо бо мақсади тиббӣ ва илмӣ иҷозат дода мешавад. Бо мақсади дигар истифода бурдани онҳо пурра манъ аст. Вале бадбахтона, ғайриқонунӣ истифода бурдани онҳо низ ба назар мерасад. Бо вуҷуди ин мақомотҳои дахлдори кишварамон барои пешгирӣ намудани ин омоли номатлуб чораҳои зиёд ва корҳои фаҳмондадиҳӣ мегузаронанд. Аз ҷониби мо шаҳрвандон низ зарур аст, ки саломатиро дар ҷои аввал гузорему аз рӯйи ҳавову ҳавас фирефтаи инсонҳои манфиатҷӯ нашавем ва дар бораи оқибатҳои нохуши истифодаи ин маводи сахттаъсир маълумотҳои бештар пайдо намоему корҳои фаҳмондадиҳӣ барем. Фаҳмонем, ки бо ин амали ноҷо нашъаманд ҷони худ, оила ва атрофиёнро дар хатар мегузорад.

Чуноне ки мегӯянд: "Оилаи солим - ҷомеаи солим". Пас, бояд андеша намуд, ки онҳое , ки нашъаманд ва нашъаҷалоб ҳастанд, оилаи солим бунёд карда метавонанд ё не? Мо шоҳиди бисёре аз ҳодисаҳо шудаем, ки аз инсонҳои ба чунин роҳрафта, фарзандони аз нигоҳи ҷисмонӣ мушкилидошта ба дунё меоянд. Оё нашъаманд боре ба худ чунин суол медиҳад: "оё арзиши онро дорад, ки бо як маводи мадҳушкунандаи заҳрнок саломатиро хароб ва оилаи худро вайрон кунем ва ҷомеаро носолим гардонем?". Бале, иродаи басо мустаҳкам лозим аст, то нашъаманд аз ин роҳ баргардад. Аз ин рӯ, бояд ҳар нафаре, ки наздикаш ба ин роҳ рафтааст, роҳҳои гуногунро истифода барад, то иродаи боқимондаи нашъамандро бедор созад, то дер нашуда, ӯро табобат намоянд. Давлат низ барои бемории нашъамандӣ табобатгоҳҳои зиёд фароҳам карда, ин масъаларо таҳти назорати ҷиддӣ гирифтааст. Ҳатто доруҳои ин беморӣ ройгон дода мешаванд. Қонунгузорӣ низ инро талаб менамояд. Нафароне, ки ислоҳ шудан мехоҳанд, албатта давлат онҳоро дастгирӣ менамояд ва барои ба роҳи дуруст ҳидоят намудани онҳо мақомотҳои махсус ва муассисаҳои тиббиро сафарбар менамояд.

Ҳар яки моро мебояд, ки табиби хеш бошем ва саломатии худу ҷомеаро нигоҳ дорем. Боқӣ , қазоват аз Шумост!

**Шаҳло Зоҳидова**
**донишҷӯи соли 2-юм**




# РИОЯИ САРҚОНУН - ФАТҲИ ҚУЛЛАИ МУРОД



Сарқонуни ЧТ нахустин санади конститутсионӣ дар таърихи тоҷикон мебошад, ки аз ҷониби худи халқ, бевосита дар раъйпурсии умумихалқӣ қабул шудааст. Онро халқи Тоҷикистон бо ҳисси баланди масъулиятшиносӣ дар назди наслҳои гузашта, ҳозира ва оянда ва бо дарки таъмини соҳибихтиёрии давлати худ ва рушду камоли он қабул намудааст.

Давраи пас аз қабули Сарқонуни ЧТ воқеан давраи амалӣ гаштани меъёрҳои он аст. Сарқонун, ки худ ҳуҷҷати барномавӣ барои даҳсолаву садсолаҳост, дар як муддати кӯтоҳ пурра амалӣ намешавад. Он ба муҳлати дароз қабул шуда, давра ба давра, якҷоя бо фароҳам гаштани шароити иқтисодиву иҷтимоӣ, пешрафти кишвар, афзудани иқтидори иқтисодии мамлакат амалӣ мешавад. Аз ин рӯ, амалӣ гаштани меъёрҳои Сарқонун яке аз сабабҳои дарозумрии он маҳсуб меёбад. Мисоли равшан Конститутсияи ИМА аст, ки беш аз 200 сол аст амал мекунад.




Инкишофи конститутсияҳои Фаронса, Португалия, Олмон, Мексика ва даҳҳо кишварҳои дигари ҷаҳон низ таърихи тӯлонӣ дорад.

Мо дар дебочаи Сарқонун озодӣ ва ҳуқуқи шахсро муқаддас эълон кардаем, ки ин аз таҷрибаи бузурги қонунофаринии халқи мо гувоҳӣ медиҳад. Зеро нахустин бор дар таърихи башарият дар аҳди Ҳахоманишиён (қарни 5-4-и пеш аз мелод) аҷдодони мо дар Эъломияи ҳуқуқи башари Куруши Кабир ҳуқуқҳои шахсро муқаддас эълон намуда буданд. Ба андешаи ман дебочаи Сарқонуни мо ин ҳамон матни Эъломияи ҳуқуқи башари Куруш аст, ки ба замони имрӯза мувофиқ карда шудааст.

Амалӣ нагаштани меъёрҳои Сарқонун боиси оқибатҳои манфӣ барои ҷомеа ва давлат мегардад. Заро мардуми шарифи Тоҷикистон воқеаҳои солҳои 1992-юмро ҳеҷ гоҳ фаромӯш намекунад. Мо шоҳиди он будем, ки солҳои ҷанги шаҳрвандии 1992-1997 одамони бегуноҳ ба қатл расонида мешуданд, аз манзили истиқоматӣ маҳрум мегаштанд, садҳо одамон маъюб ва оилаҳои зиёд бе парастор, падару модарон бе фарзанд монданд, ки яке аз сабабҳои асосияш амалӣ нашудани Конститутсияи соли 1978 мебошад. Ин таҷрибаи таърихӣ бори дигар исбот мекунад, ки ваҳдати миллӣ ва устувории ҷомеа аз риояи Сарқонун ва амалӣ гаштани меъёрҳои он сарчашма мегирад. Аз ин рӯ, танҳо дар ҳолати иҷрои бемайлони Сарқонун дар ҷомеа низому субот, ҳамдигарфаҳмӣ ва ба худшиносии миллӣ пойдор мегардад. Дар ҷомеае, ки ваҳдату якдигарфаҳмӣ, сулҳу оромӣ, қонуният ва тартиботи ҳуқуқӣ таъмин нестанд, ҳеҷ гуна ҳуқуқу озодиҳои инсон амалӣ намешавад.

Имрӯз шаҳрвандони ИМА аз таҷрибаи сарқонунофариниашон, ки зиёда аз 2 аср аст амал мекунад, мефахранд. Мо низ шаҳрвандони ЧТ умед дорем, ки баъди садсолаҳо наслҳоямон бо Сарқонуни тасдиқшудаи соли 1994 хоҳанд фахрид. Пас, моро зарур аст, ки имрӯз меъёрҳои онро пурра риоя намоему ҳар моддаи онро пос дорем. Зеро риоя ва амалигардии меъёрҳои Сарқонун моро ба куллаҳои баланди мурод мерасонад.

**Бахтиёр Қурбонов**
**донишҷӯи соли 3**

МИНБАРИ ҲУҚУҚШИНОС

Муассис: факултети ҳуқуқшиносии ДМТ

Сармуҳаррир: Саъдӣ Маҳдӣ
saadi_mahdi@mail.ru

Тарроҳ: Ҳамидулло Азизов

ҲАЙАТИ ТАҲРИРИЯ:
Насурдинов Э. С. дотсент, декани факултети ҳуқукшиносӣ;
Қурбонов Қ.Б. муовини декан оид ба илм;
Сафаров Б.А. дотсент, мудири кафедраи ҳуқуқи инсон ва ҳуқуқшиносии муқоисавӣ;
Камолов И. И. дотсенти кафедраи назария ва таърихи давлат ва ҳукуқ;
Сулаймонов Ф. С. дотсенти кафедраи ҳуқуқи байналхалқӣ;
Ҷаҳонгир С. ассистенти кафедраи ҳуқуқи инсон ва ҳуқуқшиносии муқоисавӣ.

ҲАЙАТИ МУШОВАРА:
Саидов Н. С. Вазири маорифи ЧТ, профессор;
Давлатов Ҷ. М. мушовири давлатии Президенти ЧТ оид ба сиёсати ҳуқуқӣ;
Имомов М. С. ректори ДМТ, профессор, узви вобастаи АИ ЧТ;
Тоҳиров Ф. Т. профессор, академики АИ ЧТ,
Маҳмудов М. А. профессор, академики АИ ЧТ, раиси Суди Конститутсионии ЧТ;
Асозода Х. профессори кафедраи назария ва адабиёти навини форсии тоҷикӣ;
Диноршоев М. профессор, академики АИ ЧТ.

Рӯзнома дар Вазорати фарҳанги ЧТ таҳти №0336/рз аз 28-уми феврали соли 2013 ба қайд гирифта шудааст. Нишонии идора: ш.Душанбе, Буни Ҳисорак, Шаҳраки Донишҷӯён, факултети ҳуқуқшиносии ДМТ.
Телефон: 985-38-38-67, 918-56- 07- 07. Теъдод: 1000